Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

## ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Файзиев Спитамен Абдулҳақович дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Файзиев Спитамен Абдулҳақович таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, ба яке аз мавзуҳои мубрами илми ҳуқуқи ҷиноятӣ равона шуда эҳтироми ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти иҷтимоӣ буда, давлат ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътироф, риоя ва ҳифз менамояд. Муҳимтарин шарти озодии шахс ин ҳуқуқи ӯ ба дахлнопазирии манзил аст. Дахлнопазирии манзил, дахлнопазирии моликияти шахсӣ ва сирри ҳаёти маҳрамонаро таъмин менамояд. Диссертатсияи унвонҷӯ Файзиев С.А., таҳлилӣ мустақили кори илмии анҷом додашуда мебошад, ки натиҷаҳо, таклифу пешниҳод ва хулосаҳои дар он овардашуда, бешубҳа илми замонавии ҳуқуқи ҷиноятии ватаниро аз ҷиҳати назариявӣ ва амалия ғанӣ мегардонад, дар кори такмили қонунгузории миллӣ истифода карда мешавад ва ба ихтисоси 12.00.08 ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мутобиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Моддаи 5 Конститутсияи ҶТ эълон мекунад, ки “инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқукҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд”. Чунин баланд гардидани нақши шахс дар ҳаёти ҷамъиятӣ мақомоти давлатро водор месозад, ки баҳри пешгирии поймол гардидани ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон аз воситаҳои мувофиқи қонуни ҷиноятӣ истифода намояд.

Вазифаҳои аввалиндараҷаи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошанд. Таъмин намудани амнияти шахс, ҳуқуқ ва озодии он, аз

таҳдиди бо ҷинояткорӣ алоқамандбуда мебошад ва яке аз мақсадҳои сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.

Эҳтироми ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти иҷтимоӣ буда, давлат ҳуқуку озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътироф, риоя ва ҳифз менамояд. Муҳимтарин шарти озодии шахс ин ҳуқуқи ӯ ба дахлнопазирии манзил аст. Дахлнопазирии манзил, дахлнопазирии моликияти шахсӣ ва сирри ҳаёти маҳрамонаро таъмин менамояд. Ҳокимияти ҳар як давлати мутамаддин бояд муносибати эҳтиромона ба зуҳуроти ҳаёти шахсии шахс ва манфиатҳо мувофиқ бошад.

Ҳамин аст, ки ҳуқуқи дахлнопазирии шахсӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ низ мустаҳкам карда шудааст. Дар м. 17 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ қайд гардидааст, ки: “Ҳеҷ кас набояд ба даxолати худсарона ё ғайриқонунӣ ба ҳаёти шахсӣ ва оилавии ӯ, ҳамлаҳои худсарона ё ғайриқонунӣ ба дахлнопазирии манзил ё маҳфияти мукотиба ё ҳамлаҳои ғайриқонунӣ ба шаъну эътибори ӯ дучор шавад. Ҳар як инсон ҳақ дорад, ки аз чунин мудохила ва чунин таҷовуз зери ҳимояи қонун бошад.

Дар шароите, ки муносибат ба дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ, ки кафолати амалӣ намудани дигар ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон аст, таъмини дахлнопазирии манзил бо роҳи ҳуқуқӣ хеле мубрам мегардад. Ҳар як шаҳрванди ҶТ ба дахлнопазирии манзил аз даxолати ғайриқонунии ҳам шахсони дигар ва ҳатто намояндагони давлат дорад, ки бо моддаи 22-и Конститутсияи ҶТ тасдиқ ва кафолат дода шудааст.

Сатҳи демократия дар ҳар як давлат на танҳо тавассути қонунан мустаҳкамгардонии ҳуқуқу озодиҳои инсон, балки бо таъмини воқеии риояи онҳо муайян карда мешавад. Дахлнопазирии манзил институти байнисоҳавӣ мебошад, зеро он бо меъёрҳои қонунгузории конститутсионӣ, гражданӣ, ҷиноятӣ, манзил ва мурофиавии ҷиноятӣ танзим карда мешавад. Дар ин самт меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ дар таъмини дахлнопазирии манзил аҳамияти муҳим доранд.

Зарурияти танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятии дахнопазирии манзил пеш аз ҳама дар сирри оилавӣ будани ҳодисаҳое мебошад, ки дар дохили манзили шахс рух медиҳад, манзил ба рушди мутаносиби шахсият мусоидат мекунад, зеро он ба шахс имкон медиҳад, ки ниёзҳои маънавӣ ва моддии худро амалӣ созад, амнияти ҷисмонӣ ва руҳӣ, ҳуқуқи моликият ва сирри ҳаёти шахсӣ, оилавӣ, сирри мукотибаи гуфтугӯҳои телефонӣ, почта ва дигар мукотиботи шахсияшро таъмин менамояд.

Ҳамин тавр, объекти асосии ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ – ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон ба дахлнопазирии манзил мебошад. Аммо

сарфи назар аз мамнӯъияти мавҷудаи қонуни ҷиноятӣ, дар амал мушкилоти татбиқи қонуни ҷиноятӣ, ки ҳифзи дахлнопазирии манзилро таъмин менамояд мушкилиҳо ҷой доранд. Инро маълумотҳои омории расмӣ тасдиқ мекунанд. Бояд қайд намуд, ки ҳар сол шумораи зиёди ҷиноятҳое, ки вайрон намудани дахлнопазирии манзил содир мегарданд зиёд шуда истодаанд. Масалан, дар асоси маълумотҳои СМИТ ВКД ҶТ соли 2010 – 71 ҷиноят оғоз карда шуда 63 парванда ба суд ирсол карда шуд. Ҳамзамон, дар соли 2020 теъдоди содир кардани ҷиояти бо моддаи 147 пешбини шуда 102-ро ташкил намуд ва 83 парвандаи ҷинояти ба суд ирсол карда шуд, инчунин дар соли 2021 теъдоди ҷиноятҳои мазкур афзоиш ёфта 119-ро ташкил кард. Ин омор нишон медиҳад, ки ҷиноятҳои ба қайд гирифташуда нисбат ба парвандаҳое, ки дар судҳо мутобиқи моддаи мазкур баррасӣ мешаванд, хеле зиёданд.

Бо дарназардошти омилҳои қайдгардида меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил муайян менамоянд, ба такмили минбаъда эҳтиёҷ доранд. Дар умум ин омилҳо аз аҳамиятнокии мавзуи таҳқиқоти рисолаи номзадӣ гувоҳӣ медиҳанд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Диссертатсияи Файзиев Спитамен Абдулҳақович нахустин таҳқиқоти комплексие мебошад, ки ба таҳлили ҷинояти вайрон намудани дахлнопазирии манзил ва масъалаи такмили қонунгузории ҷиноятӣ дар ин самт бахшида шудааст. Дар ҷараёни таҳқиқ муаллифи диссертатсия ба таври кофӣ қонунгузории ҷиноятии мамлакатҳои хориҷӣ ва ҶТ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил, хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфноки ин ҷиноятҳо дар замони муосири рушд, таҳлили таркиби ҷинояти баррасишаванда, мазмуни иборaҳои дар м. 147 КҶ ҶТ истифодашударо таҳлил намудааст. Ҳамчунин, аз ҷониби диссертант коркарди амалӣ ва назариявии тавсияҳо баҳри такмили қонунгузорӣ ва фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил пешниҳод гардидааст.

Дар диссертатсия муаллиф бо дарназардошти маводи илмӣ, таҳлили мафҳум ва хусусиятҳои ислоҳоти қонунгузории ҷиноятӣ, инчунин зарурати муқаррар намудани ҳолатҳои иловагии вазнинкунанда барои ин ҷиноятҳо асоснок гардида, сохтори нави м. 147 КҶ ҶТ пешниҳод гардида, тамоюлҳои танзими меъёрии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил дар КҶ ҶТ дар марҳилаҳои гуногуни

рушди таърихӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, чораҳои асосӣ барои пешгирии ҷиноятҳои мазкур таҳия гардидаанд. ва марҳилаҳои он дар мамлакат кӯшиш кардааст, ки дар доираи таҳқиқоти анҷомпазируфта ташаккули падидаҳои конститутсионӣ аз қабили асосҳои сохтори конститутсионӣ ва рушди ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мавриди пажӯҳиш қарор додааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Омӯзиш ва таҳлили диссертатсия, таклифу пешниҳодҳо, ки аз тарафи муаллиф пешкаш шудаанд асоснок мебошанд. Инчунин, асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи пажуҳишҳои таърихи-назариявӣ ва амалии марбут ба паҳлуҳои гуногуни ислоҳоти қонунгузории ҷиноятӣ, таҳлили натиҷа ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, табиати ҳуқуқӣ, мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назарию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот, таҳқиқи ҳолати кунунӣ ва роҳҳои такмили меъёрҳо оид ба падидаи мазкур, асос меёбанд.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Аҳамияти илмии диссертатсия дар таҳияи асосҳои назариявии коркарди низоми донишҳои мавҷуда оид ба масъалаи баррасишаванда ифода меёбад. Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳлил ба пайдоиши тасаввурот оид ба маҷмӯи воситаҳои қонунии мубориза бар зидди вайрон намудани дахлнопазирии манзил мусоидат намуда, барои таҳқиқоти минбаъда дар ин соҳа замина мегузоранд.

Аҳамияти амалии натиҷаҳои бадастомада дар он аст, ки онҳо метавонанд истифода шаванд:

- дар фаъолитяи қонунгузорӣ барои такмили минбаъдаи қонунгузории ҷиноятии амалкунандаи ҶТ дар робита ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил;

- дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти тафтишотӣ – ҳангоми баҳодиҳии ҳуқуқӣ ва бандубасти ҷиноятии вайронкунии дахлнопазирии манзил;

- барои беҳтар намудани амалияи татбиқи муқаррароти м. 147 КҶ ҶТ аз тарафи мақомоти таҳқиқ, пешбурди тафтишоти, прокурор ва суд оид ба ошкор, таҳқиқ ва таснифи ҷинояти баррасишванда;

- зимни омода намудани қарорҳои Пленуми Суди Олии ҶТ, маҷмӯаи фармонҳои Прокурори генералии ҶТ, бо мақсади таъмини татбиқи дуруст ва якхелаи қонунгузорӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил аз ҷониби судҳо;

- дар раванди таълим ҳангоми омода намудани маводҳои дахлдори таълимию методӣ ва гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ дар муассисаҳои, миёнаи махсус, олӣ ҳангоми тадриси фанҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, курсҳои махсуси «Ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ» ва «Асосҳои илмии бандубасти ҷиноятҳо» истифода шавад.

- дар соҳаи таҳқиқот, барои таҳқиқоти минбаъда оид ба масъалаҳои мубрами ҳуқуқи ҷиноятӣ дахлнопазирии манзил дар ҶТ.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар мацаллаҳои такризшавандаи илмӣ.** Вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 8 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои ватанӣ ва хориҷӣ ба нашр расонида шудаанд.

**Эродҳо.** Диссертатсияи Файзиев Спитамен Абдулҳақович дар баробари муваффақиятҳо, инҷунин баъзе масъалаҳоеро дар бар мегирад, ки аз нигоҳи илмӣ баҳснок мебошанд ва онҳоро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

1. Дар пешниҳоди сеюми нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда муаллиф (дар саҳифаи 15 диссертатсия) аз рӯйи дараҷаи муайян намудани аломатҳои таркиби ҷинояти вайрон намудани дахлнопазирии манзил шартан кишварҳои аъзои ИДМ-ро ба се гурӯҳ ҷудо намудааст:

– қонунгузории ҷиноятии давлатҳое, ки дар онҳо аломатҳои таркиби ҷинояти таҳқиқшаванда муайян нагардидаанд (Ҷумҳурии Узбекистон);

– қонунгузории ҷиноятии давлатҳое, ки дар оно аломати таркиби ҷинояти таҳқиқшаванда ба дараҷаи миёна муайян гардидаанд (Украина, Молдова);

– қонунгузории ҷиноятии давлатҳое, ки дар онҳо аломатҳои таркиби ҷинояти таҳқиқшаванда нисбатан пурра муайян гардидаанд (Озарбойҷон, Белорус, Тоҷикистон, Федератсияи Россия).

Ба мақсад мувофиқ аст, ки ба саҳми аъзои шурои диссертатсионӣ моҳияти онҳоро пурра шарҳ диҳад.

2. Унвонҷу дар боби 2 “Тавсифи ҷиноятӣ-ҳуқуқии вайрон намудани дахлнопазирии манзил” диссертатсия ӣа таври муфассал объект ва предмети ҷинояти вайрон намудани дахлнопазирии манзилро таҳти омузиш қарор додааст ва тавсияҳои хуб низ пешниҳод намудааст. Муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионӣ қайд намудааст, ки бе муқаррар намудани предмети ҷиноят дар бисёр мавридҳо муайян намудани объекти ҷиноят душвор мегардад (саҳифаи 81 диссертатсия). Мувофиқи мақсад аст, ки унвонҷу дар ҳимояи ошкоро ин масъаларо шарҳ медод.

3. Дар диссертатсия унвонҷу аломатҳои бандубастшавандаи вайрон намудани дахлнопазирии манзилро камтар таҳлил намудааст. Ҳол он ки

муаллифро зарур буд, ки ин масъаларо бо назардошти таҷрибаи судию тафтишоти таҳлил менамуд.

Албатта эродҳое, ки дар боло қайд шудаанд, хусусияти мубоҳисавӣ дошта, аҳаммияти илмии таҳқиқоти диссертатсиониро коста намегардонанд ва баҳои мусбати диссертатсияро тағйир намедиҳанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Дар ҷараёни таҳқиқ муаллифи диссертатсия ба таври кофӣ қонунгузории ҷиноятии мамлакатҳои хориҷӣ ва ҶТ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил, хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфноки ин ҷиноятҳо дар замони муосири рушд, таҳлили таркиби ҷинояти баррасишаванда, мазмуни ибораҳои дар м. 147 КҶ ҶТ истифодашударо таҳлил намудааст. Ҳамчунин, аз ҷониби диссертант коркарди амалӣ ва назариявии тавсияҳо баҳри такмили қонунгузорӣ ва фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил пешниҳод гардидааст.

Андешаҳое, ки қайд гардиданд, дар умум, ҳангоми баҳодиҳии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим буда, мураккаб ва баҳснок анд ва муаллиф дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, адабиёти соҳавӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуқтаи назари муаллифии худро пешниҳод намудааст, ки ин хоси гузаронидани чунин таҳқиқоти илмӣ мебошад. Муаллиф аз натиҷагириҳо хулосаҳои худро баён намудааст, ки онҳо метавонанд барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ саҳми сазовори худро гузоранд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Рисолаи диссертатсионӣ бо дарназардошти мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот муайян карда шуд, ки аз ихтисорот, муқаддима, ду боб, нуҳ зербоб, хулоса, замима ва номгӯи адабиёт иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 201 саҳифаро дар бар мегирад.

**Мувофиқати автореферат ба муҳтавои диссертатсия.** Автореферат ба муҳтавоии диссертатсия мувофиқат менамояд. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он ҷумла, мазмуни мухтасар ва кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия инъикос ёфтаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Файзиев Спитамен Абдулҳақович дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил» ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори

Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Диссертатсия ва автореферати Файзиев Спитамен Абдулҳақович дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи муқаррарнамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, бахусус ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Дар маҷмуъ бояд гуфт, ки Файзиев Спитамен Абдулҳақович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад. Тақризи мазкур бо дарназардошти талаботҳои бандҳои 71 ва 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, омода карда шудааст.

**Муқаррizи расмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии
Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон В.А. Абдуҳамитов

Имзои В.А. Абдуҳамитовро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳои Донишгоҳи славянии
Россия-Тоҷикистон А.А. Рахимов

«28» 12 2023 с.

**Суроға:**
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
к. М. Турсунзода, 30. 734000,
Телефон: +992 900-31-07-78
E.mail: valijon05@mail.ru